ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи доктории Абдуалимов Баҳром Абдулазимович дар мавзуи «Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи чарогоҳҳо дар заминаи принсипҳои заминистифодабарии устувор" барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Дар замони муосир зарурати гузариш ба заминистифодабарии устувор, ки яке аз аҳкомҳои заминавии рушди устуворро ташкил медиҳад, дар радифи масаълаҳои муҳими стратегӣ қарор дорад. Дар заминистифодабарии устувор ҷарогоҳҳо нақши калидӣ мебозанд. Зеро аз ҳолати истифодаи оқилонаи он устувории экологӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва коҳиш додани тағирёбии иқлим вобаста мебошад. Вобаста ба ташкили идоракунии оқилонаву самараноки чарогоҳҳо, ки тавозуни байни истифода ва нигоҳдории иқтидори онҳо, пешгирии таназзул ва нигоҳдории гуногунии биологиро тақозо менамояд, дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон, ки майдони чарогоҳҳо хеле васеъ мебошанд, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шуда истодааст. Дар мамлакат "Барномаи рушди чарогоҳҳо барои солҳои 2023-2027" қабул шудааст, ки ҳадафи асосии он зиёд кардани захираҳои чарогоҳҳои табиӣ бо истифода аз технологияҳои муосир ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо мебошад.

Заминҳои ҷарогоҳ нафъҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва аз ҳама муҳим нафъи экологиро доро мебошанд. Пеш аз ҳама он ба диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Дар замоне, ки маҳдудияти захираҳои табиӣ шиддат гирифта истодааст, истифодаи оқилонаи чарогоҳ барои рушди човодории чарогоҳӣ, ки ба мубориза бо тағйирёбии иқлим кӯмак карда ба паст намудани сатҳи таҳдид ба амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд, нақши муҳим дорад.

Аммо дар мамлакат вазъияти махсусан номусоид дар мавриди чарогоҳҳо ба вуҷуд омадааст, ки ҳоло қисми зиёди онҳо хароб шуда то дараҷаҳои гуногун бодлес гардидаанд. Бо сабаби истифодаи номураттаби чарогоҳҳо ва умуман заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки асоси истеҳсолоти моддӣ ва фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёти аграрӣ маҳсуб меёбад, дар ҷумҳурӣ сатҳи интизории самаранокии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мушоҳида намешавад. Аз ин рӯ, масъалаи ҷустуҷӯи роҳхои ташкили истифодаи оқилонаву самараноки ҷарогоҳҳо дар заминаи талабот ва принсипҳои замиистифодабарии устувор дар шароити гузариш ба кишоварзии

устувор дар доираи татбиқи “Барномаи рушди системаи агроозуқа ва кишоварзии устувор дар давраи то 2030” мубраммият пайдо мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз шумули бисёри таҳқиқотҳои олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, масъалаҳои назариявӣ ва методологии вобаста ба гузариш ба муносибатҳои заминистифодабарии устувор, таъмини рушду омезиши муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологӣ дар мавриди истифодаи чарогоҳҳо, ки ҳиссаи баландтаринро дар сохтори заминистифодабарии кишоварзӣ ташкил медиҳанд, дар шароити муосир, бахусус дар шароити ташаккулу рушди сифатҳои иқтисодиёти сабз дар комплекси агросаноатӣ пурра омӯхта нашудаанд. Бинобар он ҳалл намудани муаммои илмӣ дар самти бунёди системаи истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои ҷарогоҳӣ, ки захираи муҳими рушди чорводории чарогоҳии сифати экологӣ дошта мебошад, мубраммияти мавзӯъ ва сабаби интихоби он шудааст.

Абдуалимов Б. А. тавонистааст мақсад, объект ва предмети таҳқиқоти худро муайян ва консепсияи омузиш ва таҳлилии худро дар доираи он таҳия ва амалӣ намояд. Ин бошад ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар доираи максаду вазифаҳои гузошта анҷом диҳад. Муаллиф кушиш намудааст, ки муқаррароти назариявию-методологии таҳияи системаи ташкили истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои чарогоҳҳоро дар заминаи присипҳои заминистифодабарии устувор таҳия намояд ва тавсияҳои амалиро ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори иқтисодии ҷарогоҳҳо барои таъмини рушди човодории чарогоҳӣ, ки барои таъмини гузариш ба кишоварзии устувор мусоидат менамояд, асоснок намояд. Интихоби дурусти методологияи таҳқиқотӣ ба муаллиф имконият додааст, ки бо истифода аз методҳои умумиилмии дар таҳқиқи илмҳои иқтисодӣ пазируфта ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкурро таҳлил намуда, хулосаҳои асоснок пешниҳод намояд.

Сохтори диссертатсия аз диди мантиқӣ бо пайдарҳамии хос мураттаб гашта, масъалаҳои гузошташуда бо ҳам робитаи зичи мазмунӣ ва мантиқӣ доранд. Он аз руйхати ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки ҳар як масъалаи дар доираи бобу зербоб чудокардаи худро пурра ва ҳаматарафа таҳлил намояд. Навоварӣ дар диссертатсияи илмӣ дар он аст, ки бори нахуст дар шароити ватанӣ тасмим гирифта шуд, ки асосҳои назариявию методологӣ ва методии роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи чарогоҳҳо дар заминаи принсипҳои заминистифодабарии устувор, инчунин асосноккунии тавсияву

пешниҳодот доир ба мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани самаранокии экологиву иқтисодии чарогоҳҳо ва чорводории чарогоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди таҳқиқот қарор гирад. Муаллиф бо риоя аз услуби илмӣ навгонихои диссертатсияро мушаххас, фаҳмо ва асоснок нишон дода, дар матни диссертатсия ҳар яки онҳо ба таври зарурӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дар заминаи объективияти илмӣ таҳия карда шуда, эътимоднокии баланд доранд. Зеро масъалаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки онҳоро воқеияти муносибатҳои заминистифодабарӣ дар мамлакат таърихан ташаккулёфта собит месозад. Масалан вай ба моҳияти заминистифодабарии устувор дар бахши кишоварзӣ ҳамчун таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳо дар доираи муносибати "инсон-замин-заминистифодабарӣ", ки барои таъмини пойдории устувору мутавозини ҷузҳои экосистемаҳо, ландшафтҳо ва имконияти баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти биологӣ (қобилияти организмҳо барои истеҳсоли моддаҳои органикӣ) мусоидат менамояд, муқарарот ворид намудааст. Асоснок карда шудааст, ки дар таъмини принсипи заминистифодабарии устувор - тавозуни оқилонаи байни майдонҳои замини азхудшуда ва азхудкарданашуда майдони чарогоҳҳои мавсимӣ нақши калидӣ дорад. Муаллиф зимни таҳқиқи масаълаҳои гузошташуда ба методологияи ландшафтӣ-экологии ташкили истифодаи оқилонаву самараноки чарогоҳҳо дар системаи заминистифодабарии кишоварзӣ, ки гузаришро аз технологияҳои чорводории чарогоҳӣ табиатмасрафкунандаву хокхаробкунанда ба технолгияи захирасарфакунанда ва ҳифзкунандаи чарогоҳҳо, ки маҳсулнокии биологии чарогоҳҳоро бо хароҷоти нисбатан пасти захираҳо таъмин намуда, иқтидори худбарқароркунии чарогоҳҳоро таъмин менамояд, такя намудааст.

Муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳам мазмуни масъалаҳои асосии диссертатсияро ифода намуда, ба таври асоснок нишон дода шудаанд. Масалан саҳми муаллиф дар таҳкими муносибатҳои методологиву методии заминсозии байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ дар манотиқи чорводории чарогоҳӣ, ки ба истифодаи технологияи инноватсионӣ, муносибатҳои системавӣ-сохторӣ, ландшафтӣ–экологӣ, технологияи институсионалӣ, тамаркуз ба рушди устувор, назаргири қонунҳои рушди системаҳои табиӣ ва ҷойгиркунии қуввахои истеҳсокунада такя менамояду, хеле барҷаста мебошад. Ин муносибатҳо мукаммалгардонии заминаҳои иқтисодиву экологии маҷмӯи муносибатҳо ва намудҳои фаъолияти заминсозӣ, инчунин тарҳи лоиҳакашии онро муайян менамояд

Хулоса ва натиҷаҳои ба дастомада мавқеи муаллифро вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқот пурра инъикос намуда, бо риояи услуби илмӣ таҳия шудаанд. Аҳамияти амалии диссертатсия аз таҳияи таъминоти методии равандҳои заминсозӣ, беҳтар намудани ҳолати чарогоҳҳо дар иқтисодиёти кишоварзӣ ва баҳодиҳии самаранокии истифодаи онҳо иборат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ, раёсати кишоварзии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои мамлакат, ҳангоми асоснок кардани самтҳои тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ ва чорводории чарогоҳӣ истифода бурда метавонанд. Муаллиф дар давраи таҳқиқот мақолаҳои зиёди илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, ки дар аксари онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои дар диссертатсия таҳқиқшаванда инъикос ёфтаанд. Ин бошад аз камолоти илмии муаллиф шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар мизҳои мудаввар, конференсияҳои Ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ширкат намудааст.

Раванди таҳқиқи диссертатсионӣ нишон дод, ки Абдуалимов Б. А. ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳа кобилияти хуби пешбурди корҳои таҳқиқотиро дошта, вобаста ба мавзуи мазкур донишҳои мукаммал дорад. Ин ҳама имконият дод, ки мавзуи диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳқиқу натиҷабардорӣ карда шавад. Нуқтаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро асоснок мекунад, ин муносибати мустақилонаи муаллиф ба маводи таҳлилшаванда, таҳияи мустақилонаи таклифу пешниҳод ва асосноккунии мавқеъҳои назариявию амалӣ мебошад. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, талаботҳои ба диссертатсияҳои докторӣ пешнийодшаванда ба инобат гирифта шудаанд.

Дар раванди таълифи диссертатсия ҳамаи муқаррароти аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, ба пурагӣ риоя гардидааст. Диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷомрасида мебошад, ки дар доираи он натиҷаҳои муҳимму зарурӣ ва барои ҷомеа аҳамиятнок ба даст оварда шудааст. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Абдуалимов Б. А. дар мавзуи “ Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи чарогоҳҳо дар заминаи принсипҳои заминистифодабарии устувор” ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба талаботи бандҳои

32-33-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдик шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикргардида мебошад.

Мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, мудири шуъбаи назарияи иқтисодӣ
ва таҳқиқоти институсионалии
Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Мирсаидов А.Б.

Имзои А.Б. Мирсаидовро тасдик мекунам:

Инспектори калон оид ба
кадрҳои институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Махсутшоева З.Д.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6 А.
Тел/Fax: +992 (37) 221-67-50
Email: info@ied.tj; сомонаи расмӣ: http://ied.tj

«02» 04 соли 2026